**Тақриз**

**ба диссертатсияи Ғаюров Лоиқ Шералевич дар мавзуи**
**“Боҳамалоқамандии илм ва маориф дар шароити истиқлолияти давлатии Тоҷикистон” (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 - Фалсафа (6D020106 - Фалсафаи иҷтимоӣ)**

Дар раванди ҷаҳонишавӣ неруи зеҳнӣ омили асосии пешрафти ҳар як давлату миллат маҳсуб меёбад. Дар ин замина илму мориф воситаи асосии сайқалдиҳӣ ва баландбардории иқтидори зеҳнии мамлакат ба шумор меравад. Зеро масъали рушди шахсияти инсон, ҷомеа ва давлат, ин ба рушди илму маориф вобастагии ҷиддӣ дорад. Доир ба муҳиммияти масъала диссертант бамаврид зикр менамояд, ки: “Илм ва маориф ду мафҳуми ба ҳам алоқамананд буда, дар рушди шахсият ва ҷомеа нақши калидӣ доранд. Ҳамчунин, ин ду ниҳод дар ҳама самт ба ҳамдигар таъсир расонда, дар маҷмуъ ба пешрафти умумии инсоният мусоидат мекунанд”[4с] ва ё “дар шароити нави рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ раванди ҳамгироӣ ҳамчун низоми муаянкунандаи рушди тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонӣ эътироф мешавад”. [20с]

Бояд ёдовар шуд, ки масълаи рушди илму мориф ва таҳкими иқтидори зеҳнии мамлакат дар меҳвари сиёсати иҷтимоии Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дорад. Махсусан, барои дар сатҳи зарурӣ рушд намудани илму маорифи мамлакат аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як зумра қарору қонунҳои дахлдор (Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015, Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 ва ғайраҳо) қабул гардидаанд, ки онҳо барои таъмини ҳамгироии соҳаи илм ва мориф мусоидат менамоянд.

Диссертант дар қисми муқаддимаи кори илмии худ тавонистааст, ки масъалаҳои асосии таҳқиқот, қабл аз ҳама, ҳолати рӯзмаррагии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши илмии он, объект ва предмети тадқиқот,

мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, навовариҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро ба таври мукаммал нишон диҳад.

Ҳамчунин, ҳангоми таҳлил ва таҳқиқи маводи илмӣ муаллиф барои асоснокии фикраш аз адабиёти мухталиф ва андешаҳои файласуфони ватаниву хориҷӣ ба таври васеъ истифода намудааст.

Рисолаи диссертатсионӣ аз ду боб ва 6 зербоб иборат буда, ҳаҷми умумии он 182 саҳифаро ташкил медиҳад.

Боби якуми диссертатсия – “**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи масъалаи боҳамалоқамандии илм ва маориф**” аз се зербоб иборат буда, ба таҳлили масъалаҳои ташаккулёбии илм ва маориф ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ва боҳамалоқамандии онҳо дар раванди таърих, ҷанбаҳои иҷтимоӣ-фалсафии таҳқиқи масъалаи бомҳамалоқамандии илм ва маориф, боҳамалоқамандии илм ва маориф дар таҷрибаи давлатҳои хориҷа ва ғайра бахшида шудааст.

Дар зербоби аввал – **“Ташаккулёбии илм ва маориф ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ва боҳамалоқамандии онҳо дар раванди таърих”** масъалаи баҳамалоқамандии илм ва маориф дар давраҳои гуногуни таърихи инсоният барасӣ шуда, нақши илм ва маориф ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ дар ташаккулёбии фарҳанг ва тамадуни башарият муҳим арзёбӣ гардидааст ва нисбати ин масъала диссертант бамаврид қайд мекунад, ки: “Шарти муҳими ташаккулёбии илм ҳамчун як ниҳоди иҷтимоӣ мавҷудияти таълими мунтазами насли наврас мебошад, чунки татбиқи илм маҳз тавассути таҳсилоту маориф амалӣ мегардад”.[23с] Дар рисола муалиф мафҳуми ҳамгироӣ ва баҳамалоқамандиро ҳамчун категорияи фалсафӣ, махсусан фалсафаи иҷтимоӣ нишон дода, мазмуни онҳоро дар шароити гуногуни раванди таърих ба таври возеҳ нишон додааст.

Дар қисми методологии диссертатсия муалиф мафҳумҳое, ки дар рафти пажӯҳиш бештар истифода шудаанд, ба монанди ҳамгироӣ, институт, муассиса, институтишавии илм, муассисаи иҷтимоӣ, ки

дараҷаи муайянкунии ин ё он фаъолияти инсонро дарбар мегирад, мутобиқан ба мавзуи рисола шарҳ додааст, ки ин яке аз комёбиҳои муҳимми таҳқиқот ба шумор меравад.

Дар зербоби дуюми боби мазкур масъалаи **"Ҷанбаҳои иҷтимоӣ-фалсафии таҳқиқи масъалаи бомҳамалоқамандии илм ва маориф"** мавриди таҳкиқ қарор дода шудааст. Муаллиф ақидаҳои гуногуни муҳаққиқонро дар бораи боҳамалоқамандии илму маориф ва нақши ин ду ниҳод дар рушди давлатдории миллӣ муҳим арзёбӣ намуда, бар он назар аст, ки "... нақши илму маориф дар рушди давлат ва ҷомеа афзоиш ёфта, амалигардонии ҳадафу манфиатҳои давлат бе интегратсия (ҳамгироӣ)-и онҳо ғайриимкон мебошад"[37-38с]. Аз таҳлилҳои муалиф бармояд, ки моҳияти боҳамалоқамандии илм ва маорифро истеҳсоли дониш ва тадбиқи он дар ҷомеа ташкил медиҳад. Табиист, ки барои дар амал тадбиқ намудани донишҳои ҳосилшуда ҷомеа ба мутахассисони ҳирфавӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат ниёз дорад, ки ба даст овардани он бе мавҷудияти ҳамгироии илм ва маориф имконнопазир аст. Дисертант дар ин зербоб зимни таҳлили ҷанбаҳои иҷтимоиву фалсафии баҳамалоқамандии илм ва маориф хулосаҳои худро ҷамъбаст намуда, дар ин самт тавсияҳои мушахас пешниҳод намудааст.

Дар зербоби сеюми боби якум диссертант масъали "**Боҳамалоқамандии илм ва маориф дар таҷрибаи давлатҳои хориҷа**"-ро баррасӣ намуда, ҳамгироии илму маорифро дар таҷрибаи давлатҳои гуногнун муқоиса намудааст. Омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ ва амалӣ намудани он дар шароити ҷомеаи кунунии кишварамон барои рушди илми ватанӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Диссертант моделҳои нави ҳамгироиро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаи баъзе кишварҳои шарики стратегиро оварда, дар он нақши марказҳои илмӣ, марказҳои хизматрасонии технологияҳои инноватсионӣ, бунёди технополисҳо ва дигар намудҳои онро овардааст, ки дар муассисаҳои таҳқиқотӣ ва донишгоҳҳо ба идоракунии моликияти зеҳнӣ, интиқоли донишҳо ва

ҳавасмандгардонии инноватсия ва рақобатпазирии истеҳсолоти саноатӣ мусоидат мекунад. Дар ин қисмат дисертант, доир ба заминаҳои қонунии рушди ҳамгироии илму маориф дар давлатҳои хориҷа ва тафовути қонунгузории онҳо аз ҳамдигар, ҳамчунин дастгирии молиявии давлатӣ дар самти илму технология таҳқиқоти мукамал анҷом додааст.

Дар умум, дар боби якуми диссертатсия аз ҷониби дисертант Ғаюров Л.Ш. ҷанбаҳои назарияви-методологӣ ва амалии боҳамалоқамандии илм ва маориф дар асоси омӯзиши назарияҳо нисбати мавзуи таҳқиқшаванда, таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ ва хусусиятҳои хоси он дар шароити муосир мавриди баррасии ҳамаҷониба гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия – **“Стратегияи баҳамалоқамандии илм ва маориф дар шароити ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон: мушкилот ва дурнамо”** ба омӯзиш ва таҳқиқи вазъи боҳамалоқамандии илм ва маориф дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон, ҳамгироии илм ва маориф ҳамчун самти афзалиятноки рушди илми академӣ ва муассисҳои таҳсилоти олӣ, :мушкилот ва дурнамои ҳамгироии илм ва маориф дар низоми миллии инноватсионии Тоҷикистон ва дигар масоили марбут ба самти мазкур бахшида шудааст.

Зикр мегардад, ки рушди давлтадории миллӣ ба рушди неруи зеҳнии кишвар вобастааст. Дар шароити истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи тарбияи захираи зеҳнӣ ва тарбияи кадрҳои илмӣ яке аз масъалаҳои ҳалталаб ба шумор меравад. Зеро ки рушди давлатдорӣ ва таҳкими мудофиаи кишвар бе ҳеҷ шак ба тарбияи мутахассисони рақобатпазир ба талаботи бозори меҳнат вобаста буда, асоси ташаккулёбии захираҳои неруи зеҳнӣ ва иқтидори кишвар ба шумор меравад. Дар ин замина илм ва маориф механизми асосии таъмини масъалаи болозикр маҳсуб мешавад.

Зербоби аввали боби дуюм омӯзиш ва таҳлили **“Вазъи боҳамалоқамандии илм ва маориф дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон”**-ро дар бар мегирад. Диссертант, махсусан, ҳамгироии соҳаи илм ва маорифро ҳамчун қисми асосии рушди устувор тавсиф намуда,

муҳимияти ҳамкориро дар самтҳои илм, маориф, иқтисод, сиёсат, истеҳсолот ва нақши нерӯҳои солимро дар шароити истиқлолияти давлатии Тоҷикистон арзёбӣ намудааст. Муаллиф бамаврид таъкид мекунад, ки: "Ҷаҳони муосир бо ҳама пуртаззодӣ, мухолифат ва дигар вижагиҳояш ба илму дониш ва мутахассисони болаёқат эҳтиёҷ дорад"[84с]. Ҳадафи ҳамгироии илм ва маориф низ, дар бартараф намудани мушкилоти норасогии кадрӣ дар ҷомае ба шумор рафта, ҳамин тавр барои рушди устувори ҷомеа ва истиқлолияти давлатии Тоҷикистон заминаҳои мусоид фароҳам меорад.

Бояд ёдовар шуд, ки дар шароити нави давлатдории миллӣ доир ба масъалаи ҳамгироии илм ва маориф қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Барномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015" қабул гардид, ки намудҳои асосии ҳамгироии илми-академӣ ва мактабҳои олӣ, ҳамгироии илмҳои фундаменталӣ ва таҳсилоти олии касбӣ, илм ва истеҳсолот, ҳамгироии дар самти кадрҳои илмӣ ва муттаҳид намудани нерӯи зеҳнии кишвар оварда шуда, воқеияти амалӣ шудани он, ҷиҳатҳои мусбат ва манфии он дар асоси таҳлили муқоисавӣ бо якчанд кишварҳои хориҷӣ матраҳ шудааст.

Дар зербоби дуюми боби мазкури диссертатсия – **"Ҳамгироии илм ва маориф ҳамчун самти афзалиятноки рушди илми академӣ ва муассисҳои таҳсилоти олӣ" –** масъалаи ҳамкории илми фундаменталӣ бо муасиссаҳои таҳсилоти олӣ ва рушди илми ватанӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудаст. Ҳамгироии илму маориф ва истеҳсолот ҳамчун раванди ҷудонашавандаи рушди ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ба баланд бардоштани донишҳои илмӣ ва воситаи сайқалёбии зеҳни инсонӣ мусоидат хоҳад кард. Ба андешаи дисертант: "Афзоиши нақши таҳсилоти олӣ дар рушди ҷомеа ҳамчун тамоюли ҷаҳонӣ аз он иборат аст, ки он на танҳо донишҳои навро тавлид ва ҷамъ мекунад, балки онро бо захираҳои меҳнатӣ пайваст мекунад"[104с]. Ин нукта аз он шаҳодат

медиҳад, ки механизми татбиқи донишҳои назариявию амалии ҳосилшуда тавасути боҳамалоқамадии илми академӣ ва мактаби олӣ амалӣ хоҳанд шуд. Диссертант бамаврид қайд мекунад, ки аҳамияти масъалаи баррасишаванда аз талаботи таҳқиқоти минбаъдаи равандҳои муосири ҳамгироии илм ва маориф, аз ҷумла, дарки консептуалӣ ва маҷмуии шаклҳои нави донишҳои илмӣ, пайдоиши таҳқиқоти бунёдӣ ва кафедравӣ, ки робита ва ҳамкории соҳаҳои гуногуни илмро таъмин мекунанд, ифода меёбад. Ин зарурат он гоҳ амалӣ хоҳад шуд, ки навгониҳои илми академӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо илмҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ, табиатшиносӣ, дақиқ, риёзӣ ва техникӣ боҳам зич алоқаманд шаванд.

Омӯзиши масъала ва вазифаҳои ҳамгироии илми академӣ ва муассисаи олӣ дар Тоҷикистон ба доираи қабул ва ҳалли тадбирҳои конкретӣ дохил карда шудааст. Аммо мавқеъҳо дар омӯзиш ва ҳалли ин масъала ба таври ҷиддӣ тафовут доранд. Вобаста ба ин дарку фаҳмиши муносибати дуруст ба проблемаи ислоҳот ва рушди соҳаҳои гуногуни илм ва таҳсилоти олӣ дар асоси омӯзиши шаклу усулҳои ҳамгироии илм ва таҳсилоти олӣ, моҳияти онҳо, ҷанбаҳои сохторӣ, инноватсионӣ ва идоракунии илм аҳамияти муҳим дорад. Солҳои охир падидаи ҷаҳонишавӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро гирифтааст. Натиҷаи ҳамин аст, ки аксари муассисаҳои олии ҷаҳон давраи дигаргуниҳои инқилобиро аз сар мегузаронанд ва ин ногузир ба фаъолияти илму маорифи Тоҷикистон таъсир хоҳад расонд.

Дар зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия муаллиф масъалаи **“Ҳамгироии илм ва маориф дар низоми миллии инноватсионии Тоҷикистон: мушкилот ва дурнамо”**-ро мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Дар он ба омӯзиш ва таҳлили заминаҳои меъёриву ҳуқуқии ҳамгироии илму маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити истиқлолияти давлатӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардидааст. Таҳлилу омӯзиши вазъи соҳаи илму маориф дар марҳилаи аввали истиқлолияти давлатӣ нишон медиҳад, ки Ҳукумати ҷумҳурӣ муҳим будани соҳаи илму маорифро дар

самти давлатдории миллӣ пурра дарк карда, барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани рушди соҳаи мазкур чораҳои саривақтӣ ва муассир андешида, давра ба давра барои хуб ба роҳ мондани фаъолияти кормандони соҳа ва ба шаҳрвандон дастрас будани маълумот, махсусан, маълумоти миёнаи ҳамагонӣ як қатор ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва нақшаву барномаҳои мушаххас ва стратегияҳои давлатӣ дар соҳаи илму маориф мусоидат намуданд.

Муаллиф бамаврид таъкид менамояд, ки дар шароити кунунӣ бе пешрафти илму технология, таҳкими иқтидори зеҳнӣ, интегратсияи маориф, илм ва истеҳсолт таъмини рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат имконнопазир хоҳад буд.

Дар маҷмуъ ба диссертант муяссар шудааст, ки ҳадафу вазифаҳои кори тадқиқотиро дар сатҳи зарурӣ анҷом дода, дар қисмати хулоса доир ба рафъи мушкилоти дар самти мазкур мавҷудбуда тавсияҳои муфид ва арзишманд пешниҳод намояд. Хулосаи диссертатсия мазмуни бобҳо ва зербобҳои онро пурра инъикос мекунад.

Автореферати диссертатсия ва корҳои илмии нашрнамудаи муаллиф (3мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар маҷмуаҳои илмӣ) мазмуни рисолаи диссертатсиониро инъикос менамоянд.

Бояд зикр намуд, ки дар баробари муваффақиятҳо кори пешниҳодшуда аз баъзе камбудиҳо орӣ нест.

1. Дар мубраммияти диссертатсия зарурати таҳқиқи алоқамандии илм ва маориф маҳз дар шароити ҷаҳонишавӣ пурра инъикос нагардидааст;

2. Баъзе аз мафҳумҳо ва категорияҳои илмӣ ҳам дар шакли тарҷума ва ҳам бо шакли аслӣ истифода шудаанд, масалан, мафҳуми “интегратсия”. Хуб мешуд, ки ин мафҳумҳо ва категорияҳо дар як шакл ба кор бурда мешуданд;

3. Муҳаққиқ дар таҳлили баъзе аз масъалаҳои диссертатсия аз доираи мавзуи таҳқиқотӣ берун баромадааст. Масалан, мафҳуми “интегратсия”, “институт” ва дигар мафҳумҳо аллакай дар илм шарҳи васеи худро ёфтаанд;

4. Дар диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ роҳ ёфтаанд.

Вале камбудиҳои ҷойдошта наметавонанд ба арзиши илмии диссертатсия коҳиш бахшанд.

Рисолаи диссертатсионии Ғаюров Лоиқ Шералиевич дар мавзуи **“Боҳамалоқамандии илм ва маориф дар шароити истиқлолияти давлатии Тоҷикистон (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 - Фалсафа (6D020106)- Фалсафаи иҷтимоӣ) ҷавобгӯи талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии атестатсиони назди Президент Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори дарачаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа мебошад.

**Муқарризи расмӣ:** дотсенти кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон номзади илмҳои фалсафа, дотсент, **Миров Ф.С.**

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
**E-mail:** mirov.firuz.s@gmail.com; mirov2010@mail.ru
**Тел.:** (+992) 93-733-33-11

**Имзои н.и.ф, дотсент Миров Ф.С.-ро тасдиқ менамоям:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ **Тавқиев Э.Ш.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН • УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ • TAJIK NATIONAL UNIVERSITY

15.11.2023

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
**E-mail:** tnu.int.re@gmail.com
**Веб-сайт:** www.tnu.tj
**Тел.:** (+992 37) 221-77-11; 221-47-96